# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмии унвонҷӯ Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)

Навруз Н. соли 2013 Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Кӯлобро, аз рӯи ихтисоси 060400-Молия ва қарз хатм намуда, давоми солҳои 2013-2017 ба ҳайси ассистент, аз соли 2017 инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб фаъолият намуда, аз соли 2014 - унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳии донишкадаи мазкур мебошад.

Навруз Н. ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва раванди таълими донишкада ҷиддӣ ҳамроҳ шуда, дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)»- кори илмӣ тадқиқотӣ бурда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро бо муваффақият супоридааст.

Мӯҳтавои асосии назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсу семинарҳои илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, дар шаҳрҳои Душанбе, Москва ва Қазони (Федератсияи Россия) дар тули солҳои 2014-2019 пешниҳод, вобаста ба фаслҳои асосии рисолаи номзадӣ, мақолаҳои илмӣ интишор шудааст.

Дар давоми таҳсил Навруз Носири худро ҳамчун муҳаққиқи мустақилу фаъоли дорои малакаи касбӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои тадқиқотро дуруст шарҳу масъалагузорӣ намуда, дар чараёни кори диссертатсионӣ доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро оид ба мавзӯи тадқиқот омӯхта, таҷрибаи корӣ андӯхтааст.

Бахусус, дар самти таҳлили факту рақамҳои оморӣ, тартиб додани ҷадвалу диаграммаҳо, таҳқиқи динамикаи рушди зуҳуроти иқтисодӣ ва амсоли онҳо таҷрибаи ғанӣ ба даст овардааст. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ба эродҳо, тавсия ва пешниҳодоти муқарризон бо таваҷҷӯҳи хос муносибат ва кӯшиш намудааст, ки мавзӯи таҳқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзиш, санҷиш ва натиҷагирӣ қарор диҳад.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 10 корҳои илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 5,3 ч.ч, ки аз он 4 мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти рисолаи илмии Навруз Носири кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ӯ дорои сифатҳои кофии касбӣ буда, метавонад аз руйи соҳаи тадқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузаронида, онҳоро ҳалу фасл намояд.

Маводҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Менеҷменти инноватсионӣ», «Молияи корхонаҳо» ва «Менеҷменти истеҳсолӣ» истифода шуданд.

Рисолаи диссертатсионии Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)» ба талаботи дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯи талаботи шиносномаи ихтисоси 08.00.05. - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) омода гардидааст.

Ҳамин тариқ, Навруз Носириро ҳамчун корманди илмии комилан омода барои пешбурди КИТ муаррифӣ намуда, чунин мешуморем, ки мавсуф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05. - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ:

иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
д.и.и., профессор, декани факултаи
иқтисодии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Файзуллоев М.Қ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсун-зода, 30.
Тел.:900068866.
E-mail: mashrab@mail.ru

Имзои М.Қ. Файзуллоевро
тасдиқ мекунам. Сардори шуъбаи
кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон А.Ҷ. Алиев